# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна дар мавзуи “Нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот**

Ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ ҳамчун такомули маънавии насли наврас бояд дар маркази таваҷҷуҳи илми педагогикаи муосир қарор дошта бошад. Дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаҳои тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими сулҳу ваҳдат дар байни насли наврас аҳаммияти хоса касб намудааст. Барномаҳои таълимӣ бо мазмуни нав ғанӣ гардонида шуда, дар онҳо арзишҳои милливу умумиинсонӣ, таърихи пурғановати халқи тоҷик, фарҳанги ғанӣ ва дастовардҳои давлатдории миллӣ инъикос ёфтаанд. Ҳадаф аз ин тадбирҳо баланд бардоштани ҳисси ифтихор аз Ватан, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ва омода сохтани насли наврас баҳри ҳимояи манфиатҳои миллӣ мебошад.

Аз автореферати муҳаққиқ Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна бармеояд, ки таҳқиқоти мазкур ба омӯзиши масъалаи хеле муҳим ва арзишманди илмҳои педагогии муосир бахшида шуда, дар он тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст.

Муаллиф дар автореферати диссертатсия муҳиммияти омӯзиши масъаларо асоснок намуда, дуруст зикр намудааст, ки назария ва амалияи тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ зимни таълими анъанаҳои халқи тоҷик, яъне мероси педагогикаи халқи тоҷик ҷанбаи муассир дошта, нақши тарбияро дар ташаккули хислатҳои хуби инсон баланд мегардонад. Махсусан, дар зарбулмасалу мақолҳо, рубоиёти

халқӣ, ривоятҳо, чистонҳо, тимсолҳои мардумӣ, ҳикояҳо, достонҳо ва қиссаҳо мафҳумҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ зиёд инъикос ёфтаанд.

Ба андешаи диссертант, имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, зарурати таҳқиқоти ҳамаҷониба ва истифодаи мероси педагогии халқи тоҷик вобаста ба тарбияи ахлоқии хонандагон, ба монанди ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ ба миён омадааст.

Муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки дар заминаи таҳқиқоти мазкур оид ба истифодаи ғояҳои педагогии классикони адабиёти тоҷику форс дар раванди тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва ташаккули шавқу рағбати онҳо ба анъанаҳои халқи тоҷик пешниҳоду тавсияҳо таҳия намояд.

Бояд зикр кард, ки асосҳои методологии таҳқиқот бо дарназардошти муаммоҳои илми педагогика муайян гардида, барои омӯзиши мавзуи интихобгардида мувофиқ мебошад. Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навоварии илмии таҳқиқот, нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда бо сохтори таҳқиқот пурра мутобиқат мекунанд. Таҳқиқоти мазкур аз муқаддима, чор боб ва зербобҳо иборат буда, вобаста ба ҳар як зербоб мақсадгузорӣ, навоварӣ ва хулосаҳои муҳим нишон дода шудаанд.

Мавриди тазаккур аст, ки таҳқиқоти Қаюмова Ҳ.Т. аҳаммияти илмии назариявӣ ва амалӣ дорад. Муаллиф дар раванди таҳқиқ ба кушода додани моҳияти масъалаи тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муваффақ гаштааст.

Тадқиқоти мазкур дар илми педагогикаи тоҷик на танҳо ҷиҳати таҳким бахшидани асосҳои назариявии тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ аҳаммияти муҳим дорад, балки метавонад асоси методикаи татбиқи ғояҳои педагогикаи

халқи тоҷик дар барномаҳои таълимии муассисаҳои таълимӣ гардад. Муаллиф бо такя ба принсипҳои рушди шахсият ва психологияи синни наврасӣ дуруст нишон медиҳад, ки хислатҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ ҳамчун фазилатҳои инсонӣ дар таҷрибаи ҳаётӣ ташаккул меёбанд ва бояд ба воситаи ғояҳои педагогикаи халқи тоҷик ба хонандагон талқин карда шаванд. Ин нуктаи назар арзиши илмӣ ва амалии тадқиқотро муайян мекунад.

Дар автореферати диссертатсия маълумоти эмпирикӣ бо истифодаи ҷадвалҳо ва диаграммаҳо ҷамъбаст шуда, бо таҳлили миқдорӣ ва сифатӣ муаррифӣ гардидааст, ки ин далели эътимоднокии натиҷаҳо мебошад.

Дар ҷараёни кори илмӣ, унвонҷӯ мавқеи назариявии ғояҳои педагогикаи халқи тоҷикро ҳамчун воситаи ташаккули арзишҳои ахлоқӣ дар насли наврас бо такя ба манбаъҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ таҳлил намудааст; воситаҳои истифодаи ғояҳои педагогии халқи тоҷикро дар ташаккули хислатҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагон дарёфт намудааст; амсилаи педагогии тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоиро дар раванди таълим таҳия намудааст, ки сохтори он ба принсипҳои илмӣ ва талаботи синнусолии хонандагон ҷавобгӯ мебошад; равишҳои назариявӣ ва методологиро нисбат ба масъалаҳои тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ оид ба хислатҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ коркард намудааст.

Маводи диссертатсионӣ бо таҳлили амиқи адабиёти илмӣ, истифодаи манбаъҳои назариявӣ ва натиҷаҳои озмоиши амалӣ асоснок шудааст. Муаллиф аз усулҳои гуногуни илмӣ: таҳлили назариявӣ, озмоиши педагогӣ, мушоҳида, пурсиш ва коркарди оморӣ истифода бурда, тавонистааст хулосаҳои боэътимод ва қобили татбиқ ба даст орад.

Кори илмӣ дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалии илмӣ буда, натиҷаҳои он метавонанд дар фаъолияти амалии муассисаҳои таълимӣ, барномаҳои тайёрии педагогӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорон васеъ истифода шаванд.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсия ба талаботи Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ, дотсент, муовини
директор оид ба тарбия ва рушди ҷавонони
Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон Аҳрорӣ Гулчеҳрахон Усмонзода

15.07.2026с.

*Имзои Г.У. Аҳрориро тасдиқ менамоям.*
*Сардори РК ва КМ Донишкадаи иқтисод ва савдои*
*Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон* *Усмонзода Ш.У.*

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомонӣ 169. Тел.: +992 (3422) 6-03-21, E-mail: info@iet.tj